Шарипов Б.

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзӯи “Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим, мураккаб ва ҳалталаб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили ҷалби сармоягузорӣ барои ин ё он соҳаҳои алоҳида ба шумор меравад. Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон шаҳодат аз он медиҳанд, ки бе ҷалб намудани сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ рушди минбаъдаи иктисодиёт ва шохаҳои алоҳидаи онро тасаввур кардан ғайри имкон аст.

Бояд иброз намоям, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон ва дар байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) аз рӯи захираи бисёр металлҳои ранга ва захираҳои табиии яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Дар сурати гузариш ба миқёси васеъ ба истихроҷ ва коркарди амиқи металлҳои рангаи маҳаллӣ ва дигар захираҳои табиии ҷумҳурӣ метавонад ба таври сазовор ва самаранокии баланд дар бозори ҷаҳонӣ барои истеҳсол ва фуруши онҳо рақобат намояд. Аз ин ҷиҳат, таъмин намудани рушди минбаъдаи самарабахши тамоми соҳаҳо ва истихроҷи маъдан, аз ҷумла дар давраи кӯтоҳмуддат, миёна ва дарозмуддат, дар раванди тағйир додани модели аграрӣ-саноатии рушд ба индустриалӣ-аграрӣ ба вазифаи муҳимтарини идоракунӣ ва ташкилӣ мубаддал мегардад.

Инчунин, Тоҷикистон ба раванди Ташаббуси таъмин намудани шаффофият дар саноати истихроҷ (ТШСИ) ворид шуда бояд риояи стандартҳои ҷаҳонии шаффофият ва масъулиятшиносиро дар саноати маъдани кухӣ таъмин намояд.

Бояд ба инобат гирифт, ки рақобати носолим байни давлатҳои аз нуктаи назари сарватҳои табиии бой буда, барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба ин соҳаи муҳими иқтисоди миллӣ, ки бо ҷори намудани ҳаргуна имтиёзҳои молиявӣ (андоз, боҷу хироҷ) боиси он мегардад, ки Тоҷикистон бояд доимо дар масъалаи мусоид намудани фазои сармоягузорӣ дар ин соҳаи муҳим, тадқиқотҳои илмӣ бо назардошти истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои муосири рушти миллӣ, инчунин таъмини рушти минтақаҳои кухӣ аз ҷиҳати таъмини чанбаҳои молиявӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини масъулшиноси дар раванди коркарди конҳо ва истихроҷи маъдан бо истифода аз стандартҳо ва дастгоҳу таҷҳизотҳои пешрафтаи байналмилалӣ оид ба муҳофизати экологӣ, иҷтимои, ҳифзи саломатӣ, бехатарии меҳнат, самараноки истифода бурдани неруи барқ, шаффофияти даромадҳо ва рушди муносибат бо ҷонибҳои манфиатдор ва ғайра роҳандозӣ гардонад.

Саноати маъданҳои кӯҳӣ  барои рушди дигар соҳаҳои алоқаманди саноати миллӣ, иқтисодиёти маҳаллӣ ва корхонаҳои хурд, мусоидат ба рушди нақлиёт, энергетика, инфрасохтори об ва партовҳо, инчунин таъмини арзиши иловашудаи корхонаҳои хизматрасонӣ, ки бо азхудкунии конҳои калон алоқамананд, рушти муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ, таъмини диверсификацияи содирот ва воридоти маҳсулоти саноатӣ, ичунин бартараф намудани вобастагии калони рушти иқтисоди миллӣ аз воридоти ашёи хоми саноатӣ  аҳамияти муҳим дорад.

Аз ин лиҳоз  таъмини рушти  саноати кӯҳӣ  аслан меҳвари инкишофи иқтисодии миллӣ буда, дурнамои тараққиёти сиёси, иқтисодӣ ва иҷтимоиро низ муайян месозад. Дар давраи то соли 2030 бояд ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва истеҳсолӣ арзиши иловашуда ба таври назаррас афзоиш ёфта, Тоҷикистон ба кишвари индустриаливу аграрӣ табдил дода шавад.

Аз ин лиҳоз диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзӯи "Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон" бешубҳа мавзӯи мубрам арзёби мегардад.

Муқаррароти назариявӣ ва методологии рисола, объект ва мавзуъ, навгониҳо ва муҳтавои асосии рисолаи Холов Т.Т. ба шиносномаи феҳристи ихтисосҳои илмии  Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисоди соҳаҳо (08.00.04.01 – Иқтисодиёт саноат ва энергетика) ва бандҳои зерини он – б. 2. Ташаккули механизмҳои тараққиёти устувори иқтисодиёти соҳаҳои саноат, маҷмааҳои сӯзишворию энергетикӣ, мошинсозӣ, филизӣ ва дигар маҷмааҳои хоҷагии халқ, корхонахо; 21. Ҳолат ва дурнамоҳои тараққиёти маҷмааҳои сӯзишворию энергетикӣ, мошинсозӣ, филизӣ; 22. Ҳолат ва самтҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ дар маҷмааҳои сӯзишворию энергетикӣ, мошинсозӣ, филизӣ мувофиқат мекунад.

Дар солҳои гузаронидани таҳкикоти илмӣ  Холов Т.Т. доимо  дар раванди илмӣ-таҳқиқотӣ фаъолона иштирок намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшаванда аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди  Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр карда, дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохили донишгоҳӣ фаъолона баромад кардааст.

Бояд қайд кард, ки Холов Т.Т. мавзуи тадқиқотро ҳаматарафа мавриди омӯзиш, инчунин дар давраи таҳсил дар шуъбаи аспирантура ва баъди хатми  он, қарор додааст,  ки аз кушиш ва фаъолияти баланди илмии унвонҷуй дарак медиҳад.

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиётҳо иборат буда, дар муқаддима мубрамият ва сатҳи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳо, мавзӯъ ва объенкти таҳқиқотӣ, навовариҳои  илмӣ

ва аҳамияти илмӣ амалии натиҷаҳои рисола дуруст нишон дода шудаанд.

Унвонҷӯй бо истифода аз усулҳои муосири тадқиқот дар боби аввал **“Асосҳои назариявии тақвияти фазои сармоягузорӣ дар шароити муосир”** моҳияти иқтисоди-иҷтимоии фазои сармоягузорӣ, танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ, инчунин таҷрибаи хориҷии мусоидат ба сармоягузориҳо дар саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ баррасӣ кардааст. Дар боби дуюм - **“Таҳлили вазъи муосири рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ ва арзёбии фазои сармоягузории он дар ҶТ”** иқтидори захиравии саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон, фазои сармоягузорӣ дар саноати маданҳои кӯҳӣ ва инчунин хусусиятҳои рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ таҳлил ва баҳогузорӣ кардааст. Дар боби сеюм – **“Самтҳои асосии беҳтарсозии фазои сармоягузории рушди саноати маъданҳои кӯҳии ҶТ”** роҳҳои ҳалли муаммоҳои ҷойдошта барои беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ дар шароити муосир бо назардошти талаботҳои нави ҷараени ҷаҳонишавӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои миллии Тоҷикистон, ки тағиребии ҷараени ҷалб ва истифодабарии сармоягузориҳоро дар саноати маъданҳои кӯҳӣ талаб мекунад, таҳқиқ карда маҷмӯи пешниҳодҳои илмӣ-амалиро низ да зербоби хулосаҳо асоснок намудааст.

Бо назардошти натиҷаҳои илмии ноил гардидаи Холов Т.Т., ки аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷӣ эътироф шудааast, хулоса кардан мумкин аст, ки унвонҷуй аз ӯҳдаи иҷрои мақсад ва вазифаҳои рисолаи илмӣ баромада, мавзӯи мубрами илмӣ амалиро барои шароити ҷумҳурӣ анҷом додааст. Таҳқиқоти методологию назариявии гузаронидашуда метавонад ҳамчун асос барои тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Точикситон истифода гардида, аҳамияти амалии он дар коркард ва таҳияи тағиротҳо дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, қабули қарорҳои идоранамоӣ дар Вазорати саноат ва технологияҳои навӣ Ҷумҳурииии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурииии вобаста ба тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Точикситон истифода гарданд.

Қайд кардан зарур аст, ки Холов Т.Т. таҳқиқоти илмиро мустақилона ба итмом расонида, оид ба масъалаҳои асосии мавзӯи баррасишаванда хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснок ва ҷолиби диққатро пешниҳод кардааст.

Хамин тавр, рисолаи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзӯи “Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кухии Тоҷикистон”, ба талаботҳои Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика тавсия дода мешавад.

**Эзоҳ:** *Дар аввал барои пешбурди фаъолияти илмӣ-тадқиқотии аспирант д.и.и. профессор Розиқов В.А. роҳбари илмӣ интихоб гардида буданд, бинобар сабаби бемориҳои тулонӣ натавонистад бо аспирант ҳамкории илмиро идома диҳанд. Аз ин лиҳоз, зарурият пеш омад,ки бо розигии Розиқов В.А. аз санаи 21.06.2021 роҳбари илмӣ д.и.и Шарипов Б.М. таин карда шуд.*

**Роҳбари илмӣ, д.и.и.** **Шарипов Б.М.**

Имзои Шарипов Б.М. тасдиқ менамоям:

**Сардори шӯъбаи кадрҳои**
**Институти иқтисодиёт ва**
**Демографияи АМИТ** **Қурбонов Э.**